*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014*
*назди ДДМИТ бо суроғаи ш.Душанбе,*
*кӯчаи Нахимов 64/14,*
*E-mail: faridullo72@mail.ru.*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Оев Анис Давлатович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Дар шароите, ки омилҳои сиёсию ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва технологию экологӣ фазои босуръати тағйирёбӣ доранд, барои таъмини суботи низоми бонкӣ муайян ва идоракунии хавфҳо яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Дар воқеъ, пайдоиши чунин тамоюл имрӯзҳо ба тараққиёти иқтисодиёт таъсирбахш буда, натиҷаи онҳо боиси пайдоиши хавфҳо дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт мегардад, ки маъмултарини он дар бахши бонкӣ, хавфҳои қарзӣ маҳсуб меёбанд. Бинобар афзоиш ёфтани дараҷаи хавфҳои қарзӣ ва омилҳои таъсиррасони бисёрҷанбаи онҳо зарурати такмил додани усулҳои мавҷуда ва ҷорӣ намудани усулҳои нави баҳодиҳӣ ва идоракунии хавфҳои қарзӣ ба миён омад, ки асоси низоми муосири идоракунии хавфҳоро ташкил дода, фаъолияти бомуваффақияти ташкилоти қарзиро таъмин менамояд. Аз ин нуқтаи назар мавзуи таҳқиқотии диссертатсионии Оев А.Д.-ро мубрам меҳисобем.

Муаллиф қайд менамояд, ки гарчанде, дар корҳои олимони ватанӣ муаммоҳои танзим ва идоракунии хавфҳои бонкӣ баррасӣ шуда бошанд ҳам, аммо, то ба имрӯз масъалаи низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ ҳамаҷониба таҳқиқ нагардидааст. Дараҷаи баланди қарзҳои ғайрифаъол дар сохтори умумии сандуқи қарзии низоми бонкӣ, механизми баҳодиҳӣ ва такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар шароити муосири низоми

бонкӣ аҳамияти таҳқиқоти диссертатсиониро дар шароити кунунии иқтисоди миллӣ муайян кардаанд.

Дар таҳқиқот натиҷаҳои дорои унсурҳои нави илмӣ муайян карда шудаанд, ки онҳо аз таҳияи таърифи хавф, хавфи қарзӣ, муайянкунии алоқамандии хавфи қарзӣ бо дигар хавфҳои молиявӣ оғоз гардида, то гурӯҳбандии омилҳои таъсиррасон ба хавфҳои қарзӣ ва низоми идоракунии онҳо, таҳияи методикаи хоси баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ, баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ ҳамчун омили таъсиррасони самаранокии фаъолияти низоми бонкӣ, такмили заминаҳои меъёрию методии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ ва таҳияи тамсилаи регрессиониро дар бар мегиранд.

Аз ҷониби унвонҷӯй нишондиҳандаҳои таҳлилӣ ва арзёбии хавфҳои қарзии низоми бонкӣ омӯхта шуда, хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ таҳлил ва арзёбӣ шудааст. Дар ин қисмат ҷиҳати таҳлили амиқи хавфҳои қарзӣ ва бо ин васила, ташкилнамоии чараёни самараноки қарздиҳӣ дар низоми бонкӣ аз ҷониби муаллиф таҳлили таркибии сохтори сандуқи қарзии низоми бонкӣ вобаста ба марҳилаҳои бухронӣ, ки давраҳои 2007-2022-ро фаро мегирад, гузаронида шудааст, ки барои таҳқиқот қобили қабул мебошад.

Инчунин дар таҳқиқот унвонҷӯй моделҳои муосири баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ дар низоми бонкӣ, дурнамои таҳлили хавфҳои қарзӣ ва баланд бардоштани таъсири раванди қарздиҳӣ дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия намудааст.

Дар қатори бартариятҳои дар автореферат зикр гардида, беҳтар мебуд, агар муаллиф ба масъалаи омӯзиши стратегия ва сиёсати идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, тавсияҳои амалиро таҳия менамуд.

Новобаста ба ин, эроди гирифташуда хусусияти тавсиявӣ дорад ва ба сифати таҳқиқоти анҷомшуда таъсири манфии худро расонида наметавона.

Аз автореферати диссертатсия чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки муаллиф вазифаҳои ба миён гузоштаро бо муваффақият ҳал намуда, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқотро бо истифода аз маълумоти таҳлилӣ ва оморие, ки дар маҷалаҳои ватанию хориҷӣ интишор намудааст, тасдиқ кардааст.

Дар маҷмуъ, аз маълумоти дар автореферат овардашуда маълум гардид, ки диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ навишта шуда, он ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад ва довталаб Оев А.Д. сазовори гирифтани унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**д.и.и., профессори кафедраи**
**иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётии**
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон**
**ба номи академик М.С. Осимӣ** **Ҳамроев Ф.М.**

**Дурустии имзои Ф.М. Ҳамроевро тасдиқ менамоя,**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсусӣ**
**ДТТ ба номи М.С. Осимӣ.** **Қодирзода Н.Ҳ.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734042, ш.Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10. Тел.:+992(372) 21-35-11, +992 (372) 23-02-46, +992 934-10-39-62, E-mail:info@ttu.tj, ttu@ttu.tj